# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «03» 07 соли 2026 № 235/бу ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани парвандаи аттестатсионии Саидзода Давлат Аҳмад

Мутобиқи сархати шашуми моддаи 16 ва сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Бо хоҳиши Саидзода Давлат Аҳмад парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи самти илмҳои «Технологияи мавод ва маҳсулоти саноати бофандагӣ ва сабук» аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархости Донишгоҳи технологии Тоҷикистон рад карда шавад.
2. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Саидзода Д.А. аз 01 июли соли 2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ